**«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»**
Директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон, д.и.и., профессор, академики АИКТ
_____________ Пиризода Ҷ.С.
«__19__» ____январи____ с.2024

# ТАҚРИЗИ

муассисаи пешбар ба диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи “Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)”, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) пешниҳод шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба ихтисос ва самти илм, ки аз рӯйи он диссертатсия ба ҳимоя пешниҳод шудааст.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи “Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)” дар заминаи шиносномаҳои ихтисосҳои соҳаи илмҳои иқтисодӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 майи соли 2023, № 6) аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) таҳия шудааст. Диссертатсия ба бандҳои зерини шиносномаи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мутобиқ аст: 10.2. Моҳият, сохтор ва хусусиятҳои фарқкунандаи низоми идоракунии оммавӣ, тамоюлҳои асосӣ ва самтҳои инкишофи он дар шароити муосир. Принсипҳои ташкил, захираҳо ва равандҳои идоракунии оммавӣ; 10.5. Махсусияти коркард ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар бахшҳои иҷтимоиёт ва иқтисодиёт. Алоқаҳои бевосита ва бавоситаи сиёсати давлатӣ, механизмҳо, методҳо ва технологияҳои таҳия ва татбиқи онҳо. Инкишофи шаклҳои ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ. Идоракунии моликияти давлатӣ; 10.8. Идоракунии низомҳои иқтисодӣ, принсипҳо, шаклҳо ва усулҳои амалисозии он. Вобастагии идоракунӣ аз хислат ва ҳолати низоми иқтисодӣ. Идоракунии тағйиротҳо дар низомҳои иқтисодӣ. Назария ва амалияи идоракунии сохторҳои интегратсионӣ ва равандҳои интегратсияи бизнес; 10.9 Ташкилот ҳамчун объекти идоракунӣ. Асосҳои назариявӣ-методии идоракунии ташкилот. Таркиби функсионалии идоракунӣ. Сохтори идоракунии ташкилот. Ҷанбаҳои дарозмуддат, миёнамуддат ва кӯтоҳмуддати

идоракунии ташкилот, идоракунии ҷорӣ. Идоракунии ташкилот аз рӯйи давраҳои ҳаётии он.

**Мубрам будани мавзуи диссертатсия.** Комплекси агроозуқавории ҷумҳурии мо баробари ташаккули комплекси агросаноатии мамалакат ташкил шудааст. Зеро яке аз ҳадафҳои асосии КАС, ин бо маҳсулоти озуқаворӣи худӣ таъмин кардани аҳолии ҷумҳурӣ ба шумор меравад. Комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ аз зеркомплексҳои агросаноатии ғаллаю ордкашӣ, сабзавоту консервакунонии маҳсулоти он, зеркомплекси ширу маҳсулоти ширӣ, зеркомплекси гӯшту маҳсулоти гӯштӣ, зеркомплекси боғдорию ангурпарварӣ ва коркарди саноатии маҳсулоти онҳо, корхонаҳои равғанбарорӣ ва амсоли инҳоро ташкил медиҳанд. Дуруст ба роҳ мондани истеҳсолоти кишоварзӣ таъмини ҳамгироии он бо корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулоти сифатнок аз хуб фаъолият намудани механизми иқтисодӣ ва ташкилии он вобаста мебошад. Қобили қайд аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таи солҳои соҳибистиқлолӣ барои рушду равнақи комплекси агросаноатӣ аз тамоми фишангҳо ва имкониятҳои мавҷуда истифода намуда, дар ин самт ба натиҷаҳои назаррас низ ноил гардида истодааст. Яъне идоракунию танзими давлатии комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ҳама вақт дар мадди назари Ҳукумати кишвар қарор дошт ва дорад. Барқароркунии истеҳсолоти кишоварзию агросаноатӣ қабулу амали гардонидани стратегияҳо, консепсияҳо, қонунҳо ва барномаҳои рушди соҳавӣ, амалигардонии даҳҳо лоиҳаҳо бо сармоягузориҳои давлатӣ ва дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд далели воқеии муваффақиятҳо ва кӯшишҳои Ҳукумати кишвар дар ин самт мебошанд.

Муҳиммияти механизми рушду рақобатпазирии корхонаҳои комплекси агроозуқаворӣ ҳам дар сатҳи ҷумҳурӣ ва ҳам дар буриши минтақаҳои он яке аз масъалаҳои ҳалталаби ҷанбаи назариявӣ, идоракунию ташкилӣ ва амалидошта мебошад, ки таҳқиқу омӯзишҳоро аз равзанаи коркарди моделҳои инноватсионии идоракунии рушд тақозо дорад. Аз ин рӯ, ҳалли мушкилоти зикргардидаи механизми рушду идоракунии комплекси агроозуқаворӣ ба ҳадаф ва вазифаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ҷумҳурӣ дарояндаи наздик мувофиқат намуда, ба ақидаи инҷониб муҳиммият ва аҳамияти амалии мавзуи таҳқиқотро муайян мекунад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуқтаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Аз таҳлили диссертатсия бармеояд, ки муаллиф ҳадафи таҳқиқотро муқаррар ва барои ба ҳадаф расидан вазифаҳои таҳқиқотро пешниҳод намудааст, ки ҳалли онҳо ба тавлиди навгониҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ мусоидат намуданд, ки муҳимтарини онҳо инҳоянд:

- асосҳои назариявӣ, аз ҷумла мафҳум ва моҳияти иҷтимоӣ-иқтисодии комплекси агроозуқаворӣ ва мавқеи он дар низоми комплекси агросаноатӣ таҳқиқ, тақвият ва тавсеа дода шуданд, аз ҷумла муаллиф натиҷагирӣ намудааст, ки аз рӯйи хусусияти маҳсулоти ниҳоии КАС, комплекси агроозуқаворӣ яке аз комплексҳои он ба шумор рафта, ҳадаф аз ташаккулу рушди он таъмини талаботи рӯзафзуни аҳолӣ бо маводи озуқаи истеҳсоли ватанӣ мебошад;
- хусусиятҳо ва омилҳои ба раванди ташаккулу рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он таъсирбахш ошкор ва қоидаҳои амалкарди самараноки корхонаҳои муҷтамаъ муайян карда шуданд;
- ҳолати ташаккул ва равнақи механизми идоракунию танзими комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкур дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор таҳлилу баҳогузорӣ шуданд;
- самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он муайян ва асоснок карда шуданд;
- дурнамои тараққиёти комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ бо назардошти такмили механизми рушд ва индикаторҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ муайян ва баҳодиҳӣ карда шуданд;
- тавсияҳо ва пешниҳодоти илман асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаи мавриди таҳқиқ дар асоси истифодаи таҷрибаи мамолики рушдкарда коркард карда шуданд.

Инчунин, зимни таҳқиқот дар диссертатсия натиҷаҳои зерини назариявӣ ва амалӣ ба даст оварда шуданд, ки фарогири нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда мебошанд:

- тақвияти муқаррарот оид ба асосҳои назариявию услубии ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муҷтамаи агросаноатии кишвар;
- муайянкунии хусусиятҳо, омилҳо ва қоидаҳои ба раванди ташаккул ва рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми маҷмуаи агросаноатии кишвар ва минтақаи таҳқиқшаванда таъсирбахш;
- баҳодиҳии ташаккул ва равнақи механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ ва арзёбии самаранокии амалкарди корхонаҳои доираҳои комплекси мазкур дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор;
- муқаррарсозии самтҳои такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣи мамлакат ва идораву танзими давлатии он дар сатҳи ҷумҳурӣ ва буриши минтақаҳои он;

- дурнамои пешрафти комплекси агроозуқаворин ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшуда бо назардошти такмили механизми рушди индикаторҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ;
- пешниҳодот ва тавсияҳои илман асоснокшуда оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворин ҷумҳурӣ ва минтақаи таҳқиқшуда дар заминаи истифодаи таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои тараққикарда.

**Асосонокӣ ва эътимоднокии хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия зикршуда.** Бо интихоби методҳо дар раванди таҳлилу таҳқиқи мавзуъ, миқдори зарурии маводе, ки дар ҷараёни таҳқиқот истифода мешаванд, эътимоднокии манбаъҳои иттилоотии ҷамъовардашуда ва коркардашуда оид ба мавзуи таҳқиқот, бо тасдиқи муқаррароти илмии пешниҳодкардаи муаллиф, ки дар диссертатсия мавҷуданд, тасдиқ карда мешаванд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқотҳои назариявӣ ва таҷрибавӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Аҳамияти илмӣ, амалӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи он.** Аҳамияти илмии таҳқиқот дар тақвияти ҷанбаҳои назариявию методии рушди комплекси агроозуқаворин ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор ҳамчун асосҳои услубӣ ва амалӣ хизмат карда метавонанд. Натиҷаҳо ва тавсияҳои пешниҳоднамудаи муаллиф имконият медиҳанд, ки донишҳои илмӣ оид ба такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворин ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии мавриди таҳқиқ арзёбӣ карда шаванд. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф таҳқиқоти мавҷударо дар такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворӣ пурра сохта, метавонанд барои рушди зерсоҳаҳои комплекси агросаноатӣ, аз ҷумла комплекси озуқаворин он истифода шаванд. Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он инъикос меёбад, ки натиҷаҳои бадастовардаи диссертантро корхонаҳои КАС-и ҷумҳурӣ ва мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроияи давлатӣ метавонанд ҳангоми асосноккунии самтҳои рушди комплекси агроозуқаворин ҷумҳурӣ ва минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор истифода баранд.

Қобили қайд аст, ки дар заминаи таҳқиқҳои назариявӣ, таҳлил ва пешниҳоди тавсияҳо такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворин ҷумҳурӣ кор карда баромада шудааст. Нуқтаҳои асосии таҳқиқоти илмӣ дар шакли маърӯзаҳои аз тарафи муаллиф пешниҳодшуда дар конференсияҳои ҷумҳуриявию байналмиллалӣ ва семинар дар шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар, Кӯлоб ва Новосибирскии Федератсияи Россия солҳои 2014-2023 муҳокима ва чоп шудаанд. Натиҷаҳои диссертатсия дар таҷрибаи хоҷагиҳо ва корхонаҳои комплекси агросаноатии ҷумҳурӣ, аз ҷумла минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор барои истифода пешниҳод шудаанд, ки бо

санадҳои мувофиқ тасдиқ гардидаанд. Инчунин, маводи диссертатсияро ҳангоми таълими фанҳои «Иқтисодиёти КАС», «Иқтисодиёти кишоварзӣ», «Интегратсия ва кооператсия дар КАС», «Таъмини бехатарии озуқаворӣ» ва ғ. истифода бурдан мумкин аст.

## Мазмуни кори диссертатсионӣ

**Дар муқаддима** муҳиммияти мавзуъ асоснок шуда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот муайян гардида, мақсад ва вазифаҳои кори илмӣ таҳия ва навгониҳои илмии он кушода шудаанд.

**Дар боби якум** «Асосҳои назариявию услубии ташаккулу танзим ва идораи комплекси агроозуқаворӣ дар низоми КАС» ҷанбаҳои назариявии ташаккулу танзими равандҳои ҳамгироӣ дар КАС (С.14-32), хусусиятҳои ташаккул ва марҳилаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ дар низоми муносибатҳои ҳамгироӣ дар КАС (С.32-50), ва ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ дар агробизнеси мамолики хориҷӣ (С.51-67) баррасӣ гардидаанд. Нуктаҳои ҷолибтарини ин боб инҳо мебошанд: таснифоти шаклҳои маъмули ҳамгироии агросаноатӣ бо назардошти омӯзиши асарҳои олимони ватанию хориҷӣ ва пешниҳоди шаклҳои омехтаи рушди ҳамгироии агросаноатӣ (расми 1., саҳ. 30); дар асоси таҳқиқи назарияҳои олимони ватанию хориҷӣ ва таҷрибаи *амалии андӯхтаи муаллиф аз* фаъолияти корхонаҳои агросаноатии ҷумҳурӣ ва шиносоӣ бо сохтори идоракунию менеҷменти онҳо мафҳуми ҳамгироиро шарҳ дода, инчунин дар заминаи таҳқиқу таҳлилҳо механизми рушди комплекси агроозуқавориро баён сохтааст (саҳ.32); аз рӯйи хусусияти маҳсулоти ниҳоии комплекси агросаноатӣ сохторҳои ҳамгироишудаи комплекси агросаноатиро ба ду комплекс ҷудо намудааст ва машаххас намудааст, ки зеркомплекси озуқаворӣ қисмати асосии комплекси агросаноатиро ташкил медиҳад (расми 2., саҳ.40); хусусиятҳои хоси комплекси агроозуқаворechoии ҷумҳуриро бо фарогирии 15 хусусият (расми 3., саҳ.43) пешниҳод намуда, инчунин муаллиф рушди муносибатҳои аграриву саноатиро дар тӯли қариб 100 сол дар иқтисодиёти давлатҳои собиқ Шуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон марҳилабандӣ карда (саҳ. 44-47., ҷадвали 1.2.1); омилҳои ба ташаккул ва равнақи ҳамгироиҳои агросаноатӣ, аз ҷумла комплекси агроозуқаворӣ таъсирбахшро дар шакли нақшавӣ пешниҳод намудааст (расми 4., саҳ. 49).

Муаллиф, ҳамчунин зимни омӯзиши ҷанбаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии идоракунӣ ва танзими рушди комплекси агроозуқаворӣ дар агробизнеси мамолики хориҷӣ ва имконоти истифодаи онҳоро дар кишоварзӣ ва деҳоти ҷумҳурӣ мавриди таҳқиқ қарор дода, як қатор пешниҳодҳо намудааст, ки ба мақсад мувофиқ арзёбӣ мегарданд. Дар ин замина

диссертант қайд кардааст, ки таҷрибаи мамолики рушдкардаро нусхабардорӣ карда, барои рушди иқтисодию иҷтимоии маҳалли деҳоти кишвар истифода намудан мувофиқи мақсад нест. Вале ҷанбаҳои хуби ин таҷрибаҳоро омӯхта, бо хусусиятҳо ва шароитҳои истеҳсолоти аграрии ҷумҳурӣ ва комплекси агроозуқаворӣ он қиёс намуда, сипас мавриди истифода қарор додан лозим аст, (саҳ. 67).

**Дар боби дуюм** «Арзёбии рушди комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ ва минтақаҳои агросаноатии он» баҳои иқтисодии комплекси агроозуқавории ҷумҳурӣ дар доираи ҳамгироии агросаноатӣ (С.68-85) ва таҳлилу арзёбии вазъи комплекси агроозуқаворӣ дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (С.85-106) баррасӣ шудаанд.

Муаллиф дар бобу зербобҳои он нишондиҳандаҳои асосии рушди кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2017-2021 (ҷадвали 2.1.1., саҳ. 72), динамикаи истеҳсоли маҳсулоти чорводорӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳо (диаграммаи 2.1.1., саҳ.73), замини аҳамияти кишоварзӣ доштаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар буриши минтақаҳо (ҷадвали 2.1.2., саҳ.74), шумораи мошинолотҳои кишоварзӣ (диаграммаи 2.1.2., саҳ.78), динамикаи баъзе нишондиҳандаҳои тавсифдиҳандаи ҳолати рушди истеҳсолоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.1.3., саҳ.82), динамикаи нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноати хӯроквории Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҷадвали 2.1.4., саҳ. 84), ҳудудҳо ва аҳолии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор мувофиқи тақсимоти маъмурӣ-териториявӣ ва демографӣ (ҷадвали 2.2.1., саҳ. 90), нишондиҳандаҳои умумииқтисодии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 2.2.2., саҳ. 91), динамикаи майдони замини аҳамияти кишоварзидоштаи минтақа дар солҳои 2017-2021 (ҷадвали 2.2.3., саҳ. 92), динамикаи майдони заминҳои кишти зироатҳои кишоварзии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 2.2.4., саҳ. 93), Динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи растанипарварии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 2.2.5., саҳ. 94), динамикаи нишондиҳандаҳои рушди соҳаи чорводории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 2.2.6., саҳ. 95), истеҳсоли маҳсулотҳои асосии кишоварзии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор ба ҳар 1 нафар аҳолӣ (ҷадвали 2.2.7., саҳ. 96), ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти кишоварзии ноҳияҳои минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 2.2.8., саҳ.97), сохтори соҳавии саноати хӯроквории ҷумҳурӣ (расми 6., саҳ.101), сохтори саноат дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 (ҷадвали 2.2.10., саҳ. 101-102), динамикаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти асосии саноати хӯроквории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 2.2.11., саҳ. 103)-ро мавриди таҳлилу натиҷагирӣ қарор додааст.

**Дар боби сеюм** «Самтҳои такмили механизм ва дурнамои рушди комплекси агроозуқаворӣи ҷумҳурӣ» ба ҳайси самтҳо танзими давлатии комплекси агроозуқаворӣ дар доираи сиёсати аграрию саноатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (С.107-123), такмили низоми идоракунии КАС- самти муҳими рушди комплекси озуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он (С.123-139) ва дурнамои рушди стратегии комплекси озуқаворӣи ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар низоми комплекси агросаноатӣ (С.140-156) пешниҳод гардидаанд.

Нуқтаҳои муҳимтарини ин зербоби 3.1 диссертатсия ҳисоби самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар хоҷагиҳои кишоварзии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 3.1.1., саҳ.115), динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои парандапарварии минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 3.1.2., саҳ.116), динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои ордбарории минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 3.1.3., саҳ.117), динамикаи самаранокии иқтисодии истеҳсолот дар корхонаҳои коркарди шир дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор (ҷадвали 3.1.4., с.119) , системаҳои асосии идоракунӣ дар КАО (расми 7., саҳ.127), икдомҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меъёрҳои муқарраршудаи физиологии истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ ба ҳар нафар аҳолӣ (ҷадвали 3.2.1., саҳ.132) маҳсуб меёбанд.

Ҳамчунин, аз таҳлили зербоби 3.1 диссертатсия бармеояд, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои асосии соҳаи кишоварзии ҷумҳурӣ дар даврони соҳибистиқлолии кишвар, дар заминаи андешидани чораҳои судманд тамоюл ба инкишоф дорад (ҷадвали 3.2.2., саҳ. 133). Муаллиф таҳқиқотҳоро оиди проблемаи идоракунӣ таҳлил намуда, қайд кардааст, ки системаи идоракунӣ дар шароити бозор низ самти иҷтимоии худро гум намекунад ва пешниҳод намудааст, ки ин масъала бояд мавриди таҳқиқи илмӣ дар институтҳои таҳқиқотӣ, ҳуқуқӣ қарор гирад (саҳ.134). Дар кори илмӣ таъминнокии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маҳсулоти кишоварзӣ (қиёс бо меъёрҳои тавсияшавандаи истеъмол, 1 кг/одам/ сол) (ҷадвали 3.2.3., саҳ.134), воҳидҳои системаи таъминоти бехатарии озуқаворӣи ноҳияҳо (расми 8., саҳ.137) баҳодиҳӣ шуданд.

Муаллиф дар зербоби 3.3 дар заминаи таҳлилҳо мақсадҳои асосии рушди босуботи комплекси агроозуқавориро дар таъмини бехатарии озуқаворӣ ва ғизои комили аҳолии ҷумҳурӣ дар шакли алгоритм дар чор самт: мушкилоти рушди КАС ва соҳаи агарӣ; афзалиятҳои асосии рушди босуботи КАС; самти ҳаракат барои расидан ба ҳадаф ва натиҷаҳои интизорӣ аз татбиқи ҳадафҳои болоиро пешниҳод намудааст (расми 9., саҳ.142). Инчунин, индикаторҳои мониторинги сектори аграриро барои солҳои 2016-2030 муайян (ҷадвали 3.3.1., саҳ. 149-150) ва дурнамои истеҳсоли маҳсулоти озуқавориро дар минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор барои солҳои 2025-2030 (ҷадвали 3.3.2., саҳ. 154) дар хотимаи ин зербоб анҷом додааст.

Дар хулоса натиҷаҳои асосии таҳқиқоти илмии диссертант ҷамъбаст гардидаанд.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб, ҳашт зербоб, хулосаю пешниҳодҳо ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат буда, ҷамъ 176 саҳифаро ташкил дода, аз 9 расм, 2 диаграмма ва 25 ҷадвал иборат мебошад.

**Нашри натиҷаҳои диссертатсия дар маҷаллаҳои тақризшавандаи илмӣ.** Нуқтаҳои асосии диссертатсия дар 22 мақолаҳои муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои (нашрияҳои) тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз чоп баромадаанд.

**Мутобиқати барасмиятдарории диссертатсия ба талаботҳои Комиссия.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаи илмӣ (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муқаддима, мубрамии мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқоти мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ, мақсади таҳқиқот, вазифаҳои таҳқиқот, объекти таҳқиқот, мавзуи таҳқиқот, навгониҳои илмии таҳқиқот, аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқикот, нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия, сохтор ва ҳаҷми диссертатсия тибқи муқарраротӣ Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия ва автореферати диссертатсия (қарори Раёсати Комиссия аз 31 марти соли 2022, № 3) таҳия гардида, ба таври мукаммал моҳияти диссертатсияро дар бар гирифтаанд.

Дар баробари ҷанбаҳои мусбӣ дар диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар мерасанд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои диссертант самаранок арзёбӣ мегарданд:

1) Диссертант ба назарияҳои илмии олимони рус аҳамияти зиёд зоҳир намуда, аммо ба ақидаи олимони мамолики Ғарб оид ба мавзуи таҳқиқ камтар диққат додааст.

2) Дар диссертатсия муаллиф марҳилаҳои рушди комплекси агроозуқаворӣ ҶТ-ро таҳқиқ намудааст. Агар ин марҳилаҳо дар намуди расм ё схема тасвир мегардиданд, арзиши ин марҳилабандӣ афзун мегардид.

3) Дар раванди таҳқиқот дараҷаи таъсири омилҳо ба такмили механизми идоракунии рушди комплекси агроозуқаворӣ ҷумҳурӣ ба таври бояду шояд кушода нашудааст.

4) Диссертант дар зербоби 3.2. меъёрҳои тавсиявии ғизо дар ҶТ овардааст, аммо агар онҳо ба истеъмоли воқеии озуқаворӣ дар миқёси минтақа қиёс ва баҳогузорӣ карда мешуданд, хубтар мешуд.

5) Хуб мебуд, ки агар муаллиф дар мавриди дурнамои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ дар минтақа аз усули коррелятсионӣ ва дигар методҳои муосир истифода менамуд.

6) Дар рисолаи диссертатсионӣ дар баъзе саҳифаҳо хатогиҳои техникӣ ба назар мерасанд.

**Хулосаи умумӣ доир ба диссертасия.** Диссертатсияи Бахтиёри Изатулло Муродзода дар мавзуи "Такмили механизми рушди комплекси агроозуқаворие Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар маводи минтақаи агросаноатии Марказу Ҳисор)" таҳқиқоти илмии анҷомёфта ба шумор рафта, ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ (Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон №267, аз 30 июни соли 2021) ҷавобгӯй мебошад. Муаллифи диссертатсия Бахтиёри И.М. сазовори гирифтани дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.10 - Менеҷмент, маркетинг ва нархгузорӣ (менеҷмент) мебошад.

Тақриз дар ҷаласаи шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатии Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ муҳокима ва тасдиқ карда шудааст (суратмаҷлиси №2 аз 19 январи соли 2024). Дар ҷаласа иштирок доштанд: 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушод: Тарафдор 11-нафар, Зид – нест, Бетараф – нест.

**Раиси ҷаласа,** директори Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, д.и.и., профессор, академики АИКТ — Пиризода Ҷ.С.

**Ташхисгар:**
Мудири шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар КАС-и Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ, н.и.и. — Файзуллаева К.Н.

**Котиб,** ходими пешбари илмии шуъбаи омӯзиши равандҳои кластеркунонӣ дар комплекси агросаноатӣ — Ҷобиров Ш.А.

**Имзоҳои Пиризода Ҷ.С., Файзуллаева К.Н. ва Ҷобиров Ш.А.-ро тасдиқ мекунам.**
Сардори шуъбаи кадрҳои Институти иқтисодиёт ва таҳқиқи системавии рушди кишоварзии АИКТ — Икромова М.Қ.